**"ТАСДИҚ МЕКУНАМ"**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор**
**_______________Гаффорӣ Н. У.**
**«_12_»_____04_______ 2021**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи такриздиҳанда ба диссертатсияи доктории Қобилов Муҳаббатшо Замирович дар мавзӯи «Таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамзи фарҳангӣ-сиёсии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020200 – муносибатҳои байналхалқӣ. Душанбе, 2021.**

Диссертатсияи Қобилов Муҳаббатшо Замирович дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба омӯзиши масъалаҳои мубрами сиёсатшиносӣ, муносибатҳои байналхалқӣ ва дипломатияи Тоҷикистони муосир марбут мебошад, иҷро гардида, дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумии ДДОТ ба номи С. Айнӣ муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: 3 доктори илмҳои таърих, 7 нафар номзади илмҳои таърих, 6 муаллими калон ва 3 докторант (PhD) иштирок доштанд.

Муассисаи тарқриздиҳанда дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои таърих, дотсент Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Қобилов Муҳаббатшо Замирович дар мавзӯи ниҳоят рӯзмарра навишта шуда, аҳамияти назариявию амалии илмӣ дорад.

Рӯзмарра будани мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки масъалаҳои тамаддун, фарҳанг, рамзи фарҳангӣ-сиёсӣ ва худшиносии миллӣ дар ҳамаи давру замон диққати олимон ва сиёсатмадоронро ба худ ҷалб менамояд.

Дар ҳамин асос зарур аст, ки вазъии фарҳангӣ-тамаддунӣ ва сиёсии Тоҷикистон омӯхта шавад. Зеро баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ тамаддунҳои пешбари ҷаҳонӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ва сиёсии ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ таъсир расонданро оғоз намуданд. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши ин равандҳо бо мақсади интихоби арзишҳои мусбати тамаддунҳои ҷаҳонӣ, ки ҷавобгӯи рамзи фарҳангии Тоҷикистон бошанд, пеш омадааст.

Дар диссертатсия инчунин масъалаи «рамзи фарҳангӣ» баррасӣ карда шудааст, ки он дар илми асри XXI категорияи нав буда, аз тарафи олимони ватанӣ ҳоло мавриди таҳлил ва таҳқиқот қарор нагирифтааст.

Мақсади таҳқиқот – омӯзиши таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамзи фарҳангӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Объекти таҳқиқот – таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамзи фарҳангӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва предмети таҳқиқот бошад ин фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар робита бо тамаддунҳои ҷаҳонӣ, устуворгардонии рамзи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи шиддати рақобати фарҳангҳо ва давлатҳои абарқудрат мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст масъалаи тамаддунҳо ва рамзи фарҳангӣ-сиёсӣ дар мактаби илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи муҳими илмҳои ҷамъиятшиносӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Пойгоҳи манбавии диссертатсияро маъхазҳои аввалиндараҷа, аз қабили суханрониҳо, паёмҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати милли – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, оинномаҳои созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, Эъломияҳо ва Аҳдномаҳои давлатҳои узви созмонҳо, созишномаҳо ва маводҳои матбуоти даврӣ, инчунин манбаъҳои интернетӣ ташкил медиҳанд.

Дисертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт параграф хулоса, номгӯи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** аҳамияти илмии таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, заминаи манбаъвӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян шудаанд, инчунин навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, асоси методологии он, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида, тасвиби натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия оварда шудааст.

Боби якуми диссертатсия ***«Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи масъалаи тамаддун»*** ном дошта, аз ду параграф иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби мазкур ***«Мафҳум, шаклҳо, сохтор ва паҳншавии тамаддун, назарияи рамзи фарҳангӣ дар илми муосир»*** оид ба тамаддунҳои ҷаҳои сухан рафта, диссертант қайд мекунад, ки асосҳои илмӣ-назариявии омӯзиши тамаддунро чун падидаи иҷтимои-сиёсӣ ва таърихӣ-фарҳангӣ омӯхта, хулоса кардан мумкин аст, ки консепсияи тамаддун пеш аз ҳама ба ҷустуҷӯйи қолаби ягона, шакли бартариятдоштаи ҳамгироии иҷтимоӣ равона гардида, мафҳуми тамаддун дар маънои меъёрӣ-арзишӣ истифода мешавад ва ин имкон медиҳад, ки қолаб ё шакли бартариятдоштаи ҳамгироиро дарҷ намояд. Дар ҳолати мавҷудияти тамаддун, сатҳи баланди рушди фарҳангӣ, бунёди арзишҳои маънавӣ, моддӣ ва фарҳангӣ дастрас мегарданд ва тамаддун бошад ин зинаи олии ҷомеаи таърихӣ мебошад. Диссертант ба хулосае меояд, ки дар байни намояндагони мактабҳои илмӣ доир ба тамаддун ақидаи ягона вуҷуд надорад, омӯзиши илмии тамаддун бошад барои муайян намудани дурнамои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳамият холӣ нест.

Зербоби дуюми боби якум ***«Мафҳум, шаклҳо, сохтор ва паҳншавии тамаддун. Назарияи рамзи фарҳангӣ дар илми муосир»*** ном дошта, дар он масъалаҳои таснифи тамаддунҳо мувофиқи хусусияти ҷамъиятии субъект ба маҳаллӣ ё миллӣ, минтақавӣ ё ҷаҳонӣ, аз рӯйи низоми ҷаҳонбинӣ ба -динӣ ва дунявӣ, аз ҷиҳати хусусияти идеологӣ ба динӣ - маросимӣ, динӣ-сиёсӣ, динӣ-теологӣ, динӣ-ахлоқӣ ва аз ҷиҳати ташкили технологӣ ба марҳалаи то саноатӣ, саноатӣ ва пасосаноатӣ баррасӣ гардидааст.

Диссертант ба хулосае меояд, ки мафҳуми тамаддун хеле васеъ буда, ҳар як мактаби илмӣ онро ба таври муайян ва алоҳида маънидод мекунад. Ҳамаи таърифҳоро ба инобат гирифта, тамаддунро чунин шарҳ додан мумкин аст, ки тамаддун – ин ҷамоати фарҳангии одамон мебшад, ки таърих, ҳамзистии иҷтимоии муайян, одатҳои иҷтимоии хос, фазои муайяни мухтор ва минтақаи муайянро дар низоми ҷаҳонӣ соҳиб гаштааст. Яке аз таърифҳои оддии тамаддун, ин - сатҳ ё зинаи инкишофи ҷамъиятӣ ва фарҳангии ҷомеа мебошад. Пас тамаддун бо фарҳанг зич алоқаманд мебошад. Тамаддун ин дараҷаи олии фарҳанг, ё нуқтаи ниҳоии он мебошад.

Диссертант қайд менамояд, ки дар асоси моҳияти рамзи фарҳангӣ ва фарҳангӣ-сиёсӣ таассурот оид ба интихоби қоидаҳое баррасӣ карда мешавад, ки тавассути онҳо замина барои идроки фарҳанг, рафтор ва давлатдорӣ муҳаё мегардад. Гарчанде олимони зиёд рамзи фарҳангиро ба таври гуногун шарҳ медиҳанд, дар як масъала ҳамаи онҳо қариб ҳамфикр мебошанд, яъне рамзи фарҳангӣ ва фарҳанги сиёсӣ худи падидаҳои фарҳангиро тасвир намесозанд, балки худашон қисми таркибии раванди фарҳангӣ буда, қолаби маъногии онро ташкил менамоянд.

Боби дуюми диссертатсия ***«Масъалаи таъсири мутақобилаи тамаддунҳои ҷаҳонӣ»*** ном дошта, аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм ***«Ташаккули тамаддуни Ғарб ва таъсири он ба фазои фарҳангии тамаддунҳои дигар»*** диссертант қайд менамояд, ки тамаддуни Ғарб, – фарҳанги халқҳои европоӣ мебошад, ки дар қитъаи Европа ва берун аз он - дар Америкаи Шимолӣ, Австралия ва баъзе ҷазираҳо ҳаёт ба сар мебаранд. Дар бораи замони пайдоиши тамаддуни Европа фикрҳои гуногун вуҷуд доранд. Дар доираи ғояи европосентристӣ, тамаддуни европоиро юнониёни қадим асос гузошта буданд. Эҳёи тамаддуни европоиро тақрибан ба асрҳои XV – XVI нисбат медиҳанд, ки давраи кашфиёти бузурги географии европоиён ва раванди зуҳури сохти ксармоядорӣ дар Италияи Шимолӣ ва Нидерландия сурат гирифт.

Асоси тамаддуни муосири Ғарб ин омехтаи таҷрибаи инсоният аз даврони антиқа ва арзишҳои дини насронӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, муаллиф дар дисертатсия хусусияти ташаккули тамадддуни Ғарб ва таъсири он ба фазои фарҳангии тамаддунҳои дигарро таҳлил намуда, арзишҳои асосии тамаддуни Ғарбро нишон медиҳад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм ***«Хусусиятҳои фарққунундаи ташаккули тамаддуни Шарқ ва ҷанбаҳои асосии рушди он»*** диссертант иброз менамояд, ки таърихи ҷаҳонӣ аз Шарқ сарчашма мегирад. Маҳз дар Шарқи Қадим аввалин бор ниҳодҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар шакли устувор бунёд шуданд. Аз ҷиҳати геополитикӣ тамаддуни Шарқро бештар ба тамаддуни Мисри Қадим, Бобулистон, Ҳиндустон, Чини Қадим, Эрон, арабӣ-мусулмонӣ ва ғайра гурӯҳбандӣ вобаст менамоянд. Ҳар кадоме аз ин фарҳангҳо дорои хусусиятҳои хоси худ будаанд.

Маҳз, нақши асосии анъана дар ҳаёти чунин тамаддунҳо – тӯлонияти мавҷудияти онҳоро муайян месозад. Олимон таърихи мавҷудияти тамаддуни Шарқро, аз 3 ҳазор сол ва бештар аз он медонанд.

Ҳамин тавр, хулоса менамояд диссертант, фарҳанг ва тамаддуни Шарқ гуфта мамлакатҳои Хитой, Ҳиндустон, Япония, Эрон, Туркия, давлатҳои Араб, даватҳои Осиёи Марказӣ ва дигар давлату халқиятҳои Осиёро дар назар доранд, ки бо анъанагароӣ ва шуурнокии ҷамъиятиашон аз дигар давлатҳои олам фарқ доранд.

Боби сеюми диссертатсия ***«Таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамзи фарҳангӣ-сиёсии Тоҷикистон»*** ном дошта, он аз се параграф иборат мебошад.

Дар параграфи якуми боби сеюм ***«Таъсири тамаддуни арабӣ-исломӣ ба рамзи фарҳангӣ-сиёсии Тоҷикистон»*** диссертант қайд менамояд, ки баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ дар зери таъсирот аз берун диққати ҷомеа ба дини ислом, тарзи ҳаёти исломӣ ба таври назаррас афзуд. Миқдори зиёди ташкилотҳои исломӣ ба вуҷуд омаданд, ки намудҳои гуногуни ақидаҳои динӣ, аз анъанавӣ шурӯъ намуда,

то чиддан ифротиро паҳн мекарданд. Баъди пошхӯрии Шӯравӣ вазъияти иҷтимой-иқтисодӣ дар бархе аз ҷумҳуриҳо, асосан дар Тоҷикистон ниҳоят бад шуда, мухолифат байни ҳизби ҳукмрони коммунистӣ ва ҳизбҳои сиёсии навтаъсис ба низоъ оварда расонд.

Ҳамин тариқ, гарчанде ки таъсири анъанаву расму русум ва дин барои ҷомеаи Тоҷикистон муҳим бошанд ҳам, аммо пешрави давлатро муносибатҳои ҷамъиятии демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд муайян месозанд.

Муаллифи диссертатсия ибрози назар намуда, менависад, ки таассуби исломӣ то ҳол ҳам омили асосии таҳдидкунанда ва ноустуворсозанда барои Тоҷикистон ва дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Таҷрибаи Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки ифротгароии динӣ дар ҳаёти миллати ягона метавонад бадбахтиҳои ниҳоят ҷиддиеро оварда расонад.Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX ба он рӯ ба рӯ шуд. Дар айни замон Тоҷикистон намунаи беҳтарини мубориза бар зидди ифротгарой ва терроризмро аз худ нишон дода истодааст.

Дар параграфи дуюми боби сеюм ***«Тоҷикистон дар шароити таъсири фарҳангӣ сиёсии Шӯравӣ»*** диссертант таъкид менамояд, ки яке аз воқеаҳое, ки самти рушди Осиёи Марказиро дигаргун сохт ин дохил намудани ин минтақа ба ҳайати Россия дар нимаи дуюми асри XIX ва барқарор шудани ҳокимияти Шӯравӣ дар даҳсолаи дуюми асри XX буд. Инчунин диссертант қайд менамояд, ки дар замони Шӯравӣ тоҷикон ҳамчун миллат шинохта шуданд, сарҳади давлатӣ муайян ва бартарии забонҳои русию тоҷикӣ дар ҷумҳурӣ эътироф карда шуда буд, анъанаҳои нав бо тақозои замон ба миён омаданд.

Ҳамин тавр, унвонҷӯ ба хулоса мебиёяд, ки дар маҷмӯъ таърихи халқи тоҷик ва фарҳанги сиёсии он, махсусан давраи Шуравӣ ҳоло ҳам аз диди нав пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст ё хуб барои омӯзиш ба роҳ монда нашудааст. Омӯхтани зинаҳои таърихии фарҳангӣ ва сиёсии миллати тоҷик дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ ба андозаи хеле бузург гиреҳи сабабҳои он

ҳодисаву воқеаҳое, ки халқи тоҷик дар се даҳсолаи охир шоҳиди он шуда буд, боз мекунанд.

Дар параграфи сеюми боби сеюм ***«Таъсири тамаддуни Ғарб ба рамзи фарҳангӣ - сиёсии Тоҷикистон»*** таъсири тамаддуни Ғарб ба Тоҷикистон таҳлил гардидааст.

Диссертант менависад, ки арзишҳои олами европоӣ гуфта, маҷмуи меъёрҳои асосии некуаҳволии оила, ҷомеа ва давлат, сиёсат, иқтисодиёт, ҳуқуқ, фарҳанг, ахлоқ ва ғайра дар назар дошта мешавад, ки барои сокинони бештари Европа ва Америка ягона мебошанд ва онҳоро муттаҳид месозанд.

Пайдоиши унсурҳои тамаддуни Ғарбӣ дар Осиёи Марказӣ бевосита бо омадани Россия ба ин минтақа дида мешавад. Капитализми Россия тағйироти куллиеро дар иқтисодиёт ва сохтори иҷтимоии Осиёи Марказӣ ворид сохт. Дар Осиёи Марказӣ банкҳо ва муассисаҳои тиҷоратӣ кушода шуданд, ки ашёи хомро бароварда, маҳсулоти саноатиро ворид мекарданд.

Гарчанде ки Тоҷикистон фақат баъди ба даст овардани истиқлолият имконият пайдо намуд, ки муносибтҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро бо давлатҳои дур ва наздики хориҷӣ барқарор намояд, масъалаи нигоҳдории шуурнокии мардуми тоҷик низ аз зери назар дар канор намеистод. Барои ҳамин ҳам, амалигардонии қонуниятҳои демократӣ, куллан дар асоси намунаи Ғарб, қобили қабул набуд, чунки ҷомеаи мо хусусиятҳои фарққунандаи худро дорад, ки ба ташаккули демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар давлати мо таъсири худро мерасониданд.

Ҳамин тариқ, диссертант хулоса менамояд, ки солҳои аввали истиқлолият барои давлати ҷавони Тоҷикистон давраи ниҳоят вазнин, вале сарнавиштсоз буданд. Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ислоҳоти ҷиддии сохториро дар самтҳо ва соҳаҳои ҳаётан муҳими давлат, ба монанди идоракунӣ, молия, бонкдорӣ, бахшҳои иқтисодиёт, инчунин маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оғоз намуда, бо қабул ва татбик намудани як силсила қонунҳо, барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва андешидани

тадбирҳои судманд ба татбиқи нақшаҳои азими рушд заминаи мустаҳкам гузошт.

Диссертант қайд менамояд, ки дар тамаддуни Ғарб бисёр арзишҳои фоидаовере барои инсоният рушд карда истодаанд. Аммо, гарчанде барои ҷомеаҳои Ғарб ин арзишҳо пурсамар бошанд, дар шароити фарҳангӣ-сиёсии давлатҳо ва минтақаҳои дигари Ҷаҳон бояд фарҳанг, шурнокии мардум, шароити табиӣ ва сатҳи саводнокии онро ба инобат гирифта, ин арзишҳоро дар он воқеият ва шароит мутобиқ гардонанд ва баъдан дар амал татбиқ гарданд.

**Дар хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳои асосӣ ва пешниҳоди муаллиф баҳри дар оянда таҳқиқ намудани масъалаи мазкур оварда шудаанд.

Бо ҳамин дар маҷмӯъ, дар рафти навишти диссертатсия муаллиф пас аз омӯзиши маъхазҳо, адабиёти илмии соҳавӣ, гузаронидани таҳлилу муқоиса ва мушоҳидаи сотсиологӣ вазифаи дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро кардааст. Мавзӯи мазкур то ҳанӯз дар ҳаҷми диссертатсия баррасӣ нагардидааст, бинобар ин интихоби он дуруст ва актуалӣ мебошад.

Дар рафти баррасӣ, таҳлил ва муҳокимаронӣ муайян гардид, ки сохтор ва мазмуни асосии диссертатсияи Қобилов Муҳаббатшо Замирович мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои доктори фалсафа (PhD)-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, комилан ҷавобгӯи он мебошад. Автореферат мазмуни фишурдаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Диссертант оид ба рисолаи худ 14 кори илмӣ, аз ҷумла 6 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва 8 мақоларо дар дигар нашрияҳо аз нашр баровардааст.

Аммо баробари ин, дар диссертатсия баъзе камбудию норасоиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки дар миёни онҳо намоёнтаринашон инҳо мебошанд:

1. Дар диссертатсия таъсири тамаддуни эронӣ (ориёӣ) ба дигар тамаддунҳо дар сатҳи зарурӣ нишон дода нашудааст.

2. Диссертант ҷиҳатҳои мусбии тамаддунҳои ҷаҳониро барои Тоҷикистон нишон дода, ба масъалаи муайян ва инъикос намудани тарафҳои манфии онҳо барои рамзи фарҳангӣ-сиёсии Тоҷикистон камтар таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст.

3. Дар параграфи 3.1.-и боби сеюм «Тамаддуни арабӣ-мусулмонӣ ва таъсири он ба фарҳанги тоҷик», ки масъалабандии он ба Тоҷикистони муосир дахл дорад, таърихи давраи паҳншавии ислом дар минтақа оварда шудааст (с. 109 – 111), ки он берун аз чорчӯбаи хронологии боби мазкур мебошад, инчунин дар параграфи 3.2-и боби мазкур «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таъсири фарҳанги Шӯравӣ» низ масъалаҳои марбути мавзӯи мазкури замони дар ҳайати империяи Россия будани Осиёи Миёна низ ба таҳлили илмӣ кашида шудаанд.

4. Назари диссертант оид ба он ки “Озодии виҷдон низ яке аз арзишҳои муҳими олами Ғарб мебошад, ки на дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва на дар тамаддуни Ислом ҷой дошт...” тасҳеҳталаб мебошад (с. 161 – 162).

5. Дар баъзе ҷойҳои матни диссертатсия камбудиҳои техникию имлоӣ ба чашм мерасанд.

Аммо эродҳои мазкур ҳаргиз қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд. Зеро, диссертатсияи Қобилов Муҳаббатшо Замирович дар мавзӯи ниҳоят муҳим, зарурӣ ва мураккаб навишта шуда, аҳамияти калони илмӣ ва навоварӣ дорад. То кунун дар таърихнигории ватанӣ ва илмҳои сиёсии Тоҷикистон масъалаи мазкур дар алоҳидагӣ аз ҷониби ягон муҳаққиқ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Диссертатсияи мазкур дар ин самт аввалин таҳқиқот ба шумор рафта, дар сатҳи зарурии илмӣ ҷамъбаст гардидааст. Эродҳои овардашудаи мо бошанд зудислоҳшавнда буда, муаллиф метавонад пеш аз ба нашр пешниҳод намудани монография онҳоро ба назар гирифта, ислоҳ намояд.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи **«Таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамзи фарҳангӣ-сиёсии Тоҷикистон»** ба бандҳои 10, 11, 12 ва 16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти № 505 ба тавсиб расидааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Қобилов Муҳаббатшо Замирович – сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020200 – муносибатҳои байналхалқӣ мебошад.

Тақризи мазкур аз ҷониби доктори илмҳои таърих, дотсент Аҳмадҷон Қурбонович Ҳусайнов омода гардида, дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи таърихи умумӣ баррасӣ гардидааст. Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар маҷлиси ҳамин кафедра ҷонибдорӣ ва тасдиқ карда шудааст (Суратмаҷлиси кафедра № 9 аз 08 апрели соли 2021).

**Раиси ҷаласа,**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **С. П. Сайнаков**

**Тақризро омода кард:**
**доктори илмҳои таърих,**
**дотсент** **А. Қ. Ҳусайнов**

**Котиби ҷаласа,**
**номзади илмҳои таърих** **Д. Н. Негматов**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Имзоҳои н.и.т., дотсент С. П. Сайнаков, доктори илмҳои таърих, дотсент А. Қ. Ҳусайнов ва н.и.т. Д. Н. Негматовро тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Д. Қ. Назаров**

**“10” __04__ соли 2021**